**№3062/12.5 аз 28.03.2016**

**Мақомоти ҳудудии андоз**
**(тибқи рӯйхат),**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи пешниҳоднамудаи мақомоти ҳудудии андоз оид ба санҷишҳои амалиётиро мавриди таҳлил қарор дода, барои муайян намудани дурустии маълумотҳо нусхаи амрнома ва маълумотнома оид ба натиҷаи санҷиши амалиётии гузаронидаи мақомоти ҳудудии андозро баррасӣ намуд.

Зимни муқоисаи маълумотҳои дастрасгардида муайян карда шуд, ки **аз 16 шаҳру ноҳияҳои мавод пешниҳоднамуда дар ягон маълумотнома аз натиҷаи санҷишҳои амалиётии гузаронидашуда дастхати сардорони нозиротҳои андоз нест. Ҳатто баъзе аз гуруҳҳои корӣ маълумотнома таҳия намекунанд.** Масалан барои моҳи феврал, гуруҳҳои кории нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав, Қурғонтеппа, Спитамен, Зафаробод ва Шаҳристон ба роҳбарияти нозиротҳои андоз маълумотнома пешниҳод накардаанд. **Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти гуруҳҳои корӣ натиҷагирӣ ва ҷамъбаст карда намешавад.**

Нишондиҳандаҳои ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи нозиротҳои андоз ба рақамҳои дар маълумотномаҳояшон дарҷнамуда дар аксар маврид мутобиқат намекунад яъне, дар бисёр ҳолат маълумотҳои беасос навишта, фаъолияти гуруҳҳоро ҷамъбаст менамоянд. Инчунин гуруҳҳои корӣ аз беназоратии роҳбарони бевоситаашон истифода намуда, санҷишҳои гузаронидаашон самарабахш нест.

**Чунончӣ,**

1. Гуруҳи кории иборат аз 3 нафар аз Нозироти андоз дар **ш.Хуҷанд** таҳти роҳбарии Қоҳиров З. – сармутахассиси гуруҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар рӯзҳои 10 то 16 феврал 6 – рӯз санҷиши амалиётӣ гузаронида, 7 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи умумии 8600 сомонӣ татбиқ намуданд. Ҷаримаҳои татбиқнамуда тибқи моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки оид ба саривақт пешниҳод накардани ҳисоботи андозро пешбинӣ менамояд, амалӣ карда шудааст. Оид ба МНХ, ки дар амрнома супориш дода шудааст, ягон адад ҷаримаи маъмурӣ татбиқ накардаанд.

Ғайр аз ин, гуруҳи корӣ дар маълумотнома қайд кардааст, ки нисбати 5 нафар ба маблағи 22992 сомонӣ назорати камералӣ гузаронидаанд, аммо тибқи Барномаи СИА «Назорати камералӣ” муайян карда шуд, ки ягон адад назорати камералӣ аз ҷониби гуруҳи кории мазкур гузаронида ба барнома дохил нашудааст.

Эъломияҳои иловагии қабулнамудаи гуруҳи кории мазкур, ки 22992 сомониро дар маълумотнома қайд намудаанд, дар асл тибқи барномаи иттилоотӣ 13290 сомонӣ мебошад яъне, ба маблағи 9702 с. изофаи беасос навиштаанд.

Гурухи кории мазкур дар маълумотнома шикоят аз он кардаанд, ки аз беназоратии шахсони масъул дар бозори “Панҷшанбе” 8 нафар соҳибкорони ба забҳ ва фурӯши гушт машғулбуда беқайди мақомоти андоз фаъолият намудаанд, дар сурате, ки худи ин 3 нафар корманд шахсони масъули назоратӣ дар Нозироти андоз мебошанд.

2. Гурухи кории дигари Нозироти андоз дар **ш. Хуҷанд** иборат аз 3 нафар, тахти роҳбарии Ҳомидов Ғ. – сармутахассис – сардори гуруҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда дар моҳи феврали соли ҷорӣ давоми 12 рӯз 4 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (тахминан) ба маблағи умумии 5200 сомонӣ татбиқ намуда, оид ба рӯёнидани ҷаримаҳо маълумот дарҷ накардааст.

Сардори гуруҳи мазкур дар маълумотномаи таҳиянамудааш аз он шикоят намудааст, ки шумораи зиёди шахсони воқеӣ дар к.Ленин, гузаргоҳи зеризаминии Муҳаммад Саид, наздики МС “Гули ҷаҳон” бе қайди мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд, дар сурате, ки худи ӯ сардори гуруҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда – масъули корҳои назоратӣ мебошад.

3. Аз ҷониби Нозироти андоз дар **н.Зафаробод** дар моҳи феврали соли ҷорӣ 3 амрнома оид ба гузаронидани санҷиши амалиётӣ таҳия гардида, дар ҳар як амрнома 1 рӯз муҳлати санҷиши амалиётӣ бо вазифагузории ниҳоят зиёд пешбинӣ гардидааст.

Маълумотнома аз натиҷаи санҷишҳои амалиётии гузаронидашуда пешниҳод нашудааст, аммо тибқи таҳлили амрномаҳо дар қиёс бо ҳисоботҳое, ки ба Кумитаи андоз пешниҳод гардидааст 13 нафар мутахассис дар 3 рӯз 168 нуқтаро таҳти санҷиш қарор дода, ҳамаги 5 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 2000 сомонӣ татбиқ намуда, 3500 сомонӣ андозҳо ҳисоб намудаанд *(андози ҷорӣ ё иловагӣ номаълум)*.

4. Гуруҳи кории Нозироти андоз дар **н.Б.Ғафуров** иборат аз 4 корманд таҳти роҳбарии Болтабоев М. - сармутахассиси гуруҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар рӯзҳои 19 то 28 феврал, 10 – рӯз дар ҳудуди бозорҳои “Назари нек” ва “Дӯстӣ” санҷиши амалиётӣ гузаронида, 6 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 4720 сомонӣ татбиқ намуда, маълумотномаро дар ним саҳифа ҷамъбаст намудаанд. Матни амрномаи гуруҳи кории мазкур дар ду саҳифа таҳия гардида, аз маълумотномаи ҷамъбастӣ 1,5 саҳифа зиёд мебошад.

Гуруҳи кории дигар аз Нозироти андози мазкур тибқи амрнома аз 11.02.2016, №143 таҳти роҳбарии Эсанов А. – сармутахассис– сардори гуруҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда ба санҷиши амалиётӣ оид ба талаботи қонунгузориҳои андоз – назорати бақайдгирӣ, тартиби андозбандӣ, коргарони кироя, МНХ ва ғайра сафарбар гардиданд. Аммо, мақсад аз гузаронидани санҷиши амалиётии мазкур дар фаъолияти истифодабарандагони воситаи нақлиёт ва соҳибкорони тавассути нақлиёт амалкунанда мебошад. Чунки, матни

амрнома ба натиҷаи фаъолияти гурӯҳи корӣ, ки дар маълумотнома дарҷ карда шудааст мутобиқат намекунад.

Аъзоёни гурӯҳи мазкур, ки аз 8 нафар иборат аст, дар муддати 10 рӯз 321 шахси воқеиро таҳти санҷиш қарор дода, ҳамаги 8 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 2000 сомонӣ татбиқ намуда, 32 нафарро бо патент таъмин намуданд.

Мутобиқи таҳлилҳои анҷомдода, фаъолияти гурӯҳои кории дигар нозиротҳои андоз самарабахш набуда, ҳудуди таҳти санҷиши амалиётии қарордодаашон, ба таври дахлдор хулоса нашудаанд.

Ҳамингуна, гурӯҳҳои корӣ дар **ш.Чкалов** таҳти роҳбарии кормандони Нозироти андози мазкур Қодиров А. ва Бозоров М. - 7 мутахассис дар 3 рӯз 6 протокол ба маблағи умумии 3676 сомонӣ, дар **н.Шаҳринав** 8 нафар аъзоёни гурӯҳ бо роҳбарии муовини сардори Нозироти андоз Абдуллоев С. 1 протокол, гурӯҳи кории иборат аз 5 нафараи Нозироти андоз дар **н.Ҷ.Расулов** таҳти роҳбарии Холматов Б. – сардори шуъбаи Нозироти андоз дар давоми 7 рӯз 4 протокол, он ҳам тибқи мактуби Прокуратураи ноҳия, гурӯҳи кории Нозироти андоз дар **н.Фирдавсӣ** иборат аз 4 мутахассис, таҳти роҳбарии Зокиров И. Дар давоми 14 рӯз 8 поротокол ба маблағи умумии 9600 сомонӣ ва 5 нафар мутахассисони Нозироти андоз дар **н.Сино** бо роҳбарии гурӯҳ Арабов А. дар давоми 4 рӯз ҳамаги 9 объекти андозсупорандаро таҳти санҷиш қарор дода, нисбати 6 андозсупоранда ба маблағи умумии 7000 сомонӣ ҷарима татбиқ намудаанд.

Таҳияи амрнома ва маълумотномаҳо аз ҷониби мутахассисони баъзе аз нозиротҳои андоз тибқи шакли муқаррарнамудаи замимаи 20 Дастурамал «Оид ба гузаронидани санҷиши амалиётии андоз», ки бо фармоишҳои муштараки вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.02.2013, №3-12а/11 ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2013, №3-Ф тартиб дода нашудаанд.

**Мансаби санҷишгарон ва рақами шаҳодатномаи хизматии онҳо дар амрнома дарҷ нашудааст, ки бо чунин таҳияи санад мутобиқи банди 5 моддаи 34 Кодекси андоз андозсупоранда ҳуқуқ дорад чунин мутахассисонро ба объектҳои андозбандӣ роҳ надиҳад.**

**Масалан,**

- Дар амрномаи таҳиянамудаи гурӯҳи кории Нозироти андоз дар **ш.Қурғонтеппа** аз 10.02.2016, №21, натанҳо гурӯҳи корӣ оид ба иҷрои талаботи қонунгузории андоз вазифадор нашудаанд, балки номи мутахассисон қисман ва нопурра навишта шуда, дар бораи шаҳодатномаи хизматиашон маълумот қайд нагардидааст. Гурӯҳи кории Нозироти андози мазкур, ки аз 6 нафар иборат аст дар тамоми ҳудуди ш.Қурғонтеппа 20 рӯз санҷиши амалиётӣ гузаронида, 32 маҳалли фаъолияти андозсупорандагонро таҳти санҷиш қарор додаанд. Дар давоми санҷиш 9 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 11800 сомонӣ тартиб дода, 5658 сомонӣ андозҳо ҳисоб намудаанд. Аъзоёни гурӯҳи кории зикршуда ҳар рӯз ба ҳисоби миёна 145 сомонӣ андоз ва ҷарима ҳисоб намудаанд.

**Баъзе аз нозиротҳои андоз бо мақсади баланд намудани нишондиҳандаи фаъолият ҳар моҳ амрнома таҳия намуда, ба мазмун ва матни он аҳамият намедиҳанд.**

Чунончӣ, Нозироти андоз дар **н.Шаҳристон** ҳар моҳ як амрнома ба имзо расонида, аксари талаботи қонунгузории андозро дар як амрнома пайваста дарҷ менамояд ва ҳатто номи мутахассисон дар ҳамаи амрномаҳо якхел буда, иваз намешавад.

Чунон беаҳамиятӣ зоҳир намудаанд, ки мавзӯи амрнома санҷиши амалиётӣ оид ба воситаҳои нақлиёт мебошад, аммо дар матнаш, истифодабарии МНХ, муоинаи хронометражӣ ва ҳатто ҳисобкунии андозҳо аз молу мулки ғайриманқулро пешбинӣ намудааст.

**Аз тарафи дигар нозиротҳои андоз дар аксари амрномаҳо оид ба ташкили махзани маълумот ва ё ба навор гирифтани рафти фаъолияти гуруҳҳои корӣ банди алоҳида дарҷ менамоянд, аммо таҷриба ва натиҷаҳо нишон медиҳад, ки то супориши бевоситаи Раиси Кумитаи андоз сурат нагирад, ягон сабти навор аз рафти корҳои назоратӣ ва ё санҷишҳои амалиётӣ барои таҳия намудани барномаҳои телевизионӣ ба шуъбаи ВАО-и Кумитаи андоз ирсол карда намешавад.**

Инчунин вобаста ба самтҳои гуногун агар рӯйхати андозсупорандагон (барои мисол, хориҷиҳо, санъаткорон, терминалҳои қабули пардохтҳо, рӯйхати андозсупорандагои таҳти муоинаи хронометражӣ қарор додашуда ва ғ.) аз мақомоти ҳудудии андоз талаб карда шавад, маълумотҳои номукаммал ва ё қисман бо таври қоғазӣ пешниҳод мегардад, ки он ҳам дар шакли электронӣ дуруст ба роҳ монда нашудааст.

**Ҳолатҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки бандҳои алоҳидаи амрномаҳо аз мадди назари сардорони нозиротҳои андоз дур мондаанд.**

**Яке аз дигар ҳолати ташвишовар дар он мебошад, ки аз ҷониби шахсони масъули гуруҳҳои санҷиши амалиётӣ муоинаи хронометражӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунӣ вазифаҳои функсионалӣ дуруст иҷро карда намешавад.**

Ҳолати мазкур дар фаъолияти гуруҳи санҷиши амалиётӣ, муоинаи хронометражии шуъбаи санҷишҳои андози ВМКБ, в.Хатлон, ш.Душанбе ва қисман в.Суғд мушоҳида карда шуд.

Масъулони гуруҳҳои мазкур мустақилона таҳлили ҳисоботҳои мақомоти ҳудудии зертобеъ, ташкил ва банақшагирии санҷишҳои амалиётӣ, дарёфти манбаҳо ва ҷиҳати гузаронидани муоинаи хронометражӣ чораҳо намеандешанд.

**Беамалии масъулони гуруҳи мазкур боиси он гардидааст, ки дар моҳи феврали соли ҷорӣ аз ҷониби Раёсати андоз дар ш.Душанбе, нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Шоҳмансур, И.Сомонӣ, Ишкошим, Шуғнон, Ванҷ, Дарвоз, Рошткалъа, Вахш, Ховалинг, шуъбаи НАМ дар в.Суғд, Ашт, Исфара, Мастчоҳи кӯҳӣ ягон намуди санҷиши амалиётӣ гузаронида нашудааст.**

Чунин беамалии гуруҳои мазкури раёсатҳои андоз таъсири манфии худро дар самти дарёфти манбаҳои иловагии андоз, ки тавассути муоинаи хронометражӣ бояд амалӣ карда шавад расонидааст.

Аз ҷумла, тибқи ҳисоботҳо дар моҳи феврал аз 27 шуъбаву нозиротҳои андоз дар в.Хатлон танҳо аз ҷониби 9 мақомоти ҳудудии он фаъолияти 32 андозсупоранда ва аз 19 шуъбаву нозиротҳои андоз дар в.Суғд 10 мақомоти ҳудудии андоз фаъолияти 60 андозсупорандаро таҳти муоинаи хронометражӣ қарор додааанд, боқимонда 27 нозиротҳои андоз ва шуъбаҳои дахлдори раёсатҳои андоз дар ин самт кор накардаанд *(барои мисол Қурғонтеппа,Ёвон, Восеъ, Данғара, Ҷ.Румӣ, Панҷакент, Спитамен,Ҷ.Расулов, Ашт, Айнӣ, Ғончӣ ва дигарон)*.

**Таҳлилҳои анҷомдода шаҳодат аз он медиҳад, ки камбудиҳои қайдгардида дар ҳамаи мақомоти ҳудудии андоз ҷой дорад.**

**Бо назардошти ин, сардорони раёсатҳои андоз дар ш.Душанбе, ВМКБ, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки:**

- вобаста ба мактуби супоришии мазкур байни кормандон ҷаласа гузарондида, минбаъд дар таҳияи амрнома, маълумотнома ва дигар санадҳои дахлдор ҷиддӣ рафтор намуда, онҳоро тибқи дастурамалҳои тасдиқнамудаи Кумитаи андоз тартиб диҳанд;
- санҷишҳои амалиётии гузаронидашударо дар асоси маълумотномаҳои пешниҳоднамудаи гуруҳҳои корӣ ҷамъбаст намуда, барои ислоҳи камбудиҳои дар маълумотномаҳо дарҷгардида чораҳои иловагӣ андешанд;
- мақсадҳои дар амрнома пешбининамударо мутобиқ ба муҳлати санҷиш, шумораи санҷишгарон ва ҳудуди муайян дуруст дарҷ намоянд;
- гуруҳҳои санҷиши амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии раёсатҳои андоз дар ш.Душанбе, ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд фаъолияти худро тибқи вазифаи функсионалӣ ба роҳ монда, ҳар як ҳисоботи дахлдори нозиротҳои андозро дар муҳлати муайянгардида талаб намуда, асоснокии онҳоро таҳлил намоянд;
- натиҷаи кори гуруҳҳои назорати МНХ дар шуъбаи раёсатҳои андоз дар ш.Душанбе, ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд ғайриқаноатбахш буда, оид ба ошкор намудани андозсупорандагони бе истифодаи МНХ фаъолияткунанда пайваста чораҳои таъхирнопазир андешанд. Инчунин оид ба таъмин гардидани андозсупорандагон бо МНХ мунтазам корҳои назоратӣ анҷом диҳанд.

Натиҷаи ислоҳи камбудиҳои зикргардида дар ҷаласаи ҳайати Мушовараи Кумитаи андоз дар ҷамъбасти семоҳаи аввали соли ҷорӣ муҳокима карда мешавад.

Раис Н. Давлатзода